## 5.1.2 (12.00.14) ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ
## 5.1.2 ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ. МУРОФИАИ МАЪМУРӢ. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ
## 5.1.2 PUBLIC-LEGAL (STATAL-LEGAL) SCIENCES

***УДК 342***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-1-25-33***

# *ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ИНСТИТУТҲОИ ТАЪМИНОТИ ПЕШАКӢ ВА ЧОРАҲОИ ҲИМОЯВӢ ДАР МУРОФИАИ СУДИИ МАЪМУРӢ*

***Иброҳимов Солиҷон Иброҳимович,*** *д.и.ҳ., профессор, сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ-и АМИТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

# *ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ИНСТИТУТОВ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ И ОБЕСПЕЧИТЕЛЬНЫХ МЕР В АДМИНИСТРАТИВНОМ ПРОЦЕССЕ*

***Иброхимов Солиджон Иброхимович,*** *д-р юрид. наук, профессор, главный научный сотрудник отдела государственного права ИФПП НАНТ (Душанбе, Таджикистан)*

# *FEATURES OF THE USE OF INSTITUTIONS OF PRELIMINARY PROTECTION AND INTERIM MEASURES IN THE ADMINISTRATIVE PROCESS*

***Ibrohimov Solijon Ibrohimovich,*** *doctor of legal sciences, professor, chief of research assistant department of state law of Institute of Philosophy, Politics and Law SAST (Dushanbe, Tajikistan)* ***e-mail:*** *soleh_52@mail.ru*

*Нақши институти ҳимояи пешакӣ дар мурофиаи маъмурӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Таъкид гардидааст, ки татбиқи чораҳои муваққатӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ алҳол қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба амалисозии адолати судӣ ва ҳифзи судӣ ба ҳисоб меравад ва барои ҳимояи пешакӣ ва барқарор намудани ҳуқуқи моддии вайроншуда нигаронида шудааст. Хусусиятҳои шабеҳ ба институти чораҳои муваққатӣ, ки дар қонунгузории мурофиавии маданӣ ва маъмурӣ мавҷуданд, баррасӣ карда шудаанд. Мафҳум ва аломатҳои ҳимояи пешакӣ, ҳолатҳои татбиқи он ошкор гардида, сатҳи имрӯзаи рушд ва ақидаҳои доктриналии олимони ҳуқуқшинос оид ба хусусиятҳои истифодаи институти таҳқиқ дар мурофиаи маъмурӣ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *чораҳои таъминотӣ, чораҳои ҳимояи пешакии ҳуқуқӣ, муносибатҳои маъмурии ҳуқуқӣ, мурофиаи судии маъмурӣ, намудҳои чораҳои ҳимояи пешакӣ*

*Отмечается важная роль института предварительной защиты в административном судопроизводстве. Подчеркнуто, что применение обеспечительных мер в административном производстве является в настоящее время неотъемлемой частью правосудия и эффективной судебной защиты, которая направлена на обеспечение предварительной защиты и восстановление нарушенных материальных прав. Рассмотрены черты, сходные с институтом обеспечительных мер, имеющим место в цивилистике. Раскрываются понятие и признаки предварительной защиты, показаны случаи её применения, отмечается нынешний уровень развития и представлены доктринальные взгляды ученых-правоведов на особенности применения исследуемого института в административном процессе.*

***Ключевые слова:*** *обеспечительные меры, меры предварительной правовой защиты, административные правоотношения, административный процесс, виды предварительной защиты*

*The article notes the important role of the institution of preliminary protection in*

*administrative proceedings. It is emphasized that the use of interim measures in administrative proceedings is currently an integral part of justice and effective judicial protection, which is aimed at providing preliminary protection and restoration of violated substantive rights. Features similar to the institution of interim measures found in civil law are considered. The concept and signs of preliminary protection are revealed, cases of its application are shown, the current level of development is noted and the doctrinal views of legal scholars on the features of the use of the institution under study in the administrative process are presented.*

***Key-words:*** *interim measures, measures of preliminary legal protection, administrative legal relations, administrative process, types of preliminary protection*

**Пешгуфтор**

Ҳуқуқи татбиқи чораҳои муваққатӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба амалисозии адолати судӣ ва ҳифзи муассири судӣ буда, барои ҳимояи пешакӣ ва барқарор кардани ҳуқуқи моддии вайроншуда нигаронида шудааст. Зарурати чунин ҳифз аз он иборат аст, ки ҳангоми баррасии парванда ҳуқуқи моддии аз тарафи даъвогар ҳифзшаванда дар натиҷаи амали шахсони манфиатдор мумкин аст зери хатар гузошта шавад, ё ин ки боиси ба миён омадани мушкилие гардад, ки барқарор намудани ҳолати аввала ва иҷрои ҳақиқии санади судиро душвор ё имконнопазир мегардонад. Аз ин хотир таҳқиқоти илмии мавзуи татбиқи чораҳои ҳимояи пешакӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ мубрам ва зарурӣ арзёбӣ карда мешавад.

**Мафҳум ва моҳияти чораҳои пешакии ҳимоявӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ**

Ҳимояи муваққатӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ аз принсипи самаранок будани ҳимояи судӣ бармеояд ва ба риоя намудани мухлатҳои иҷрои санадҳои маъмурие, ки аризадиҳанда мавриди баҳс қарор додааст, равона карда шудааст. Чунин мухлатҳо дар натиҷаи аз ҷониби суд андешидани чораҳои муҳофизатии пешакӣ дар доираи амалҳои маъмурӣ муқаррар карда шуда, хусусияти манъкунию маҳдудкуниро доро мебошанд, ки амали муайяни мақомот, ё иҷрои санадҳои қабулкардаи онҳоро таъмин менамоянд.

Дар мазмуни васеъ, чораҳои пешакии ҳимояи ҳуқуқӣ чораҳои таъминотии санадҳои мурофиавии судӣ мебошанд, ки бо дархости шахси манфиатдор бо мақсади таъмини иҷрои самараноки қарори суд, инчунин таъмини ҳифзи воқеии ҳуқуқи поймолшуда ё баҳсшаванда андешида мешаванд.

Ҳимояи пешакии мурофиаи судии маъмурӣ барои ҳал намудани вазифаи пешгирӣ намудани гум шудани ҳуқуқи субъективии оммавӣ ва таъмин намудани эътирофи қарори маъмурӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, чораҳои пешакии ҳимоя на танҳо ба таъмини амнияти ҳуқуқҳои аризадиҳанда, балки ба иҷрои саривақтӣ ва воқеии қарори қабулшавандаи суд нигаронида шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки қарори қабулкардаи суд метавонад воқеан иҷро шавад ва мавзуи баҳс пас аз мухлате, ки мурофиаи судӣ баргузор гардид, ба ҳеҷ ваҷҳ ба қарори иҷронашаванда табдил намеёбад. Бо ҳамин ваҷҳу буҳрон мақсади истифодаи чораҳои муваққатиро дар мурофиаи судии баҳсии маъмурӣ бо таври зайл муайян кардан мумкин аст:

– пешгирии зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуние, ки ба ҳимояи онҳо даъвои маъмурӣ пешниҳод шудааст;

– боздоштани пешбурди парванда нисбати даъвогари маъмурӣ оид ба кирдори ғайриқонунӣ;

– далелҳои зарурииро суд таъмин намояд;

- истисно кардани ҳолатҳое, ки иҷрои санади судиро бо парванда баҳсии маъмурӣ душвор ё имконнопазир мегардонанд.

Олимон исбот намудаанд, ки аз нуқтаи назари танзими ҳуқуқӣ дар мурофиаи баҳсии

маъмурӣ ва чораҳои муваққатӣ дар ҳуқуқи хусусӣ тафовути куллӣ вуҷуд надорад, чунин институтҳои ҳуқуқӣ аз ҷиҳати табиати ҳуқуқиашон якхела ба ҳисоб меравананд [8, с.101]. Ин гуфтаҳо бо он тасдиқ мегардад, ки институти чораҳои таъминотии мурофиаи гражданӣ ва ҳимояи пешакии мурофиаи маъмурӣ хусусиятҳои умумӣ доранд, аз ҷумла:

- ҳар ду хусусияти юрисдиксионӣ доранд ва бо ташаббуси суд ба гардиши мурофиавӣ ворид карда мешаванд;

- хусусияти муваққатӣ доранд: чораҳо то лаҳзаи фаро расидани вақти бекор кардани онҳо, рух додани ҳодиса ё падидае, ки зарурати истифодаи онҳоро бартараф мекунад, амал менамоянд. Тадбирҳо кӯтоҳмуддат буда, чораҳо ба рафъи вайронкунии эҳтимолӣ ё нигоҳ доштани ҳолати парванда нигаронида шудаанд;

- санади судӣ дар бораи татбиқи чораҳои муҳофизатӣ хусусияти ниҳоӣ надоранд, онҳо метавонанд бекор, тағйир ва ё бо дигар қарори суд иваз карда шаванд;

- онҳо зуд ва таъҷилӣ татбиқ карда мешаванд. Яъне, чораҳои муваққатии муҳофизатӣ дар ҳолати **ex parte** (зарурӣ) истифода мешаванд, ки фавран рафъ кардани вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқи аризадиҳандаро таъмин менамояд ва хусусияти эҳтимолӣ дорад, ки ба далелҳои пешниҳоднамудаи аризадиҳанда асос ёфтаанд. Ин муносибат ба ҳеҷ ваҷҳ нисбат ба шахсе, ки нисбати ӯ ин чораҳо татбиқ карда мешаванд, маҳдудият пешбинӣ намекунад, зеро ӯ метавонад дар мурофиаи судӣ аз болои ин амал шикоят кунад [8, с.102].

Ҳамин тариқ, чораҳои муваққатӣ дар мурофиаи гражданӣ ва ҳифзи пешакӣ дар мурофиаи маъмурӣ чораҳои пешгирикунанда мебошанд, ки барои бо эҳтиёт нигоҳ доштани далелҳои мавҷуда, пешгирии намудани зарар ба молу мулк ва амалӣ намудани меъёри муҳимтарини мурофиавӣ – таъмини иҷрои қарори қабулшавандаи судӣ мусоидат менамоянд.

**Батанзимдарории мурофиавии чораҳои ҳимояи пешакӣ**

Тартиби мурофиавии ҳалли баҳсҳои маъмурӣ - ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии ватанӣ қаблан низ ҷой доштанд, аммо муносибати замонавӣ ва расмиёти ба танзимдарории мушаххас танҳо дар боби 6 – и Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ пешбинӣ карда шудааст, ки аз меъёрҳои мурофиавии гражданӣ орӣ буда тартиби софи мурофиавии маъмуриро ҷорӣ менамояд [1].

Асосҳо барои қабули чораҳои пешакии муҳофизатӣ инҳоянд:

– мавчуд будани тахдиди ошкоро ва воқеии вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои даъвогари маъмурӣ;

– имконнопазирии амалӣ намудани даъвогари маъмурӣ дар сурати набудани ҳимояи пешакӣ.

Таи солҳои зиёд дар таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ва иқтисодӣ институти чораҳои муваққатӣ самаранок амал мекунад, биноан, умед меравад, ки институти ҳимояи пешакӣ, дар мурофиаи маъмурӣ, ҳангоми баррасии парвандаҳои аз муносибатҳои оммавӣ ва дигари маъмурӣ бароянда, бо таври васеъ истифода карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва иқтисодӣ заминаи мувофиқи моддию ҳуқуқӣ доранд, чунин хусусиятро, аз ҷумла мурофиаи судии маъмурӣ низ дорад, ки дар заминаи муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ муайян карда мешавад [6, с.19].

Падидаи ҳимояи пешакӣ барои ҳалли саривақтӣ ва дурусти вазифаҳои мурофиаи маъмурӣ пешбинӣ шудааст, агар сухан дар бораи маънои васеътари он равад, ин падиа ба пешгирӣ намудани оқибатҳои номатлуб, таъмини кафолатҳои шахсони манфиатдор, аз ҷумла манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин иҷрои таъминот тибқи санади судии маъмурӣ равона карда шудааст [7, с.34].

Чораи ҳимояи пешакӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ амали мурофиавии муваққатӣ мебошад ва дар санади судие, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун қабул шудааст, ба талаботи даъво алоқаманд буда дар (пурра ё қисман) боздоштани иҷрои санади баҳсталаби мақомоти маъмурӣ, худидоракунии маҳаллӣ; манъ кардани содир намудани баъзе амалҳо;

таъсир расонидан ба мақомоти давлатӣ бо мақсади таъмини қабули санади қонунии судӣ оид ба парвандаи маъмурӣ ва дар амал пурра татбиқ намудани он, инчунин зарурати рафъи хатари таҳдидкунанда ва ошкоро расонидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон, ки барои ҳимояи манфиатҳояш ӯ аризаи татбиқи чораҳои ҳимояи пешакӣ пешниҳод намудааст; барои пешгирӣ намудани вазъияти мавҷудаи имконнопазирии ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамин шахсони манфиатдор, дар сурати мавҷуд набудани ҳимояи пешакии судӣ ифода меёбад [5, с.85].

**Асосҳои илмии зарурати чораҳои ҳимояи пешакӣ**

Барои муайян намудани мафҳум ва мундариҷаи чораҳои ҳимояи пешакӣ нишон додани мақсади истифодаи онҳо бамаврид аст. Я.А. Львов дар тадқиқоти худ мафҳуми «чораҳои таъминотӣ”-ро таҳқиқ намуда, диққати худро ба даъво, таъминнамоии он, манфиатҳои молумулкӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳсноки шахс равона мекунад [12, с.18]. Олим инчунин ҳолатеро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки мувофиқи он «суд бо истифода аз чораҳои муваққатӣ на даъво, балки ду намуд манфиатҳои молу мулкии аризадиҳандаро таъмин менамояд, ки онҳо: а) дар пешгирии зарари калон ба аризадиҳанда; б) дар бартараф намудани мушкилии иҷрои санади судӣ, бо парванда ифода ёфтаанд [12, с.19]. Роҳ надодан ба душворӣ ё имконнопазирии иҷрои қарори суд оид ба парванда ва пешгирӣ намудани расонидани зарари калон ба аризадиҳанда, менависад Ю.Н. Старилов, мақсади татбиқи чораҳои мувакkатӣ ба ҳисоб мераванд [15, с.192].

С.А.Кузнетсов, чораҳои таъминоти судиро дар ҳуқуқи маданӣ тавсиф карда, ба ташаккули бо роҳи муқаррар намудани муҳлати муайяни маҳдудиятҳо, мамнуиятҳо ва ӯҳдадориҳое ишора мекунад, ки эҷоди низоми махсуси моддӣ-ҳуқуқиро муайян мекунанд ва дорои иқтидори зарурии таъмингарой мебошанд. Онҳо амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии пешбининамудаи қонун ё уҳдадорӣ ва иҷрои уҳдадориҳо; санадҳои судӣ; қатъ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ; пешгирии талафот; аз тарафи суд ба даст овардани далелҳои заруриро дар назар доранд [9, с.39]. Муаллиф дар асари дигари худ мафҳумҳои тавсифнамудаашро, яъне истифодаи чораҳои муваққатии номбурдаро, бевосита ба парвандаҳои маъмурӣ татбиқ намудааст[10, с.65].

Мақсад аз муқаррар намудани истифодаи чораҳои муваққатӣ дар мурофиаи судӣ то ба андозаи муайян маҳдуд кардан ё тамоман манъ кардани мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо дар татбиқи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад. Аз тарафи дигар, мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳоро бо чораҳои муҳофизатӣ маҷбур кардан мумкин аст, ки барои иҷрои амалҳои маъмурӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, муқаррар намудани тартиби махсуси татбиқи ҳолати маъмурию ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрванд ҷавобгар бошанд. Дар адабиёти махсус масъалаҳо оид ба робитаи байни манъ ё маҳдуд кардани амалигардонии ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва чораҳои ҳимоявии муваққатие, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо амалӣ намудани амали мушаххас ё қабули қарорро талаб мекунанд, баррасӣ шудаанд [7, с.72]. Аз нуқтаи назари олимони Аврупои Ғарбӣ, ки дар он ҷо институти ҳимояи пешакӣ дар ҳалли парвандаҳои маъмурӣ солҳои зиёд истифода мешавад, «ҳуқуқи ҳимояи пешакии судии муассир» модели нави маъмурии ҳалли баҳсҳои маъмурию ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамин тариқ, меъёрҳо ва ҳадафҳои ҳифзи самараноки ҳуқуқӣ истилоҳоти мувофиқро дар низоми адлияи маъмурӣ муайян мекунанд, ки бешубҳа хусусиятҳои асосии моделҳои ҳуқуқии таърихан муқарраршудаи чораҳои муваққатиро дар раванди судӣ инъикос менамоянд [14, с.120].

Чунон ки К.П. Соммерман қайд менамояд, ҳуқуқ ба ҳифзи самараноки судӣ аз амал ва қарорҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, аз нуқтаи назари мурофиавӣ бо се асос такя менамояд: аввалан, зери назорати судӣ қарор додани «ҳамаи масъалаҳои» ҳуқуқи маъмурӣ;

дуюм, васеъ намудани ҳифзи судӣ нисбат ба ҳамаи шаклҳои амалиёти идоракунии давлатӣ; сеюм, ташаккули низоми самарабахши ҳимояи пешакии ҳуқуқӣ. Дар ҳолате, ки ду ҷанбаи аввал ба эҷоди ҳифзи ҳуқуқӣ дахл дорад, онҳо бояд комилан аз камбудиҳо ва зиддиятҳо холӣ бошанд, ҷанбаи сеюм ҳифзи саривақтии ҳуқуқиро шарҳ медиҳад ва, аз ин рӯ, самаранокии онро муайян мекунад [16, с.40].

Падидаи таҳқиқшавандаи таъмини даъво на танҳо барои амалӣ намудани адолати судӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки барои ташаккули идоракунии дурусти давлатӣ, ошкор сохтан ва ислоҳ намудани хатоҳои содиркардаи мақомот ва хизматчиёни давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тариқ, падидаи ҳимояи пешакӣ дар шакли таъмини даъвои маъмурӣ бевосита дар низоми судӣ кафолати амалӣ намудани ҳуқуқҳои шахсони манфиатдорро аз амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдор таъмин намуда, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Дар адабиёти илмӣ чунин ақидаро пайдо кардан мумкин аст, ки ҳимояи пешакӣ дар даъвои маъмурӣ унсури баҳси судӣ нисбати қарорҳо, санадҳои маъмурӣ, амали (беамалии) шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ мебошад. Баҳси судӣ, дар навбати худ, шакли самараноки таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин роҳи самараноки таъмини қонуният дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти оммавӣ мебошад.

Дар мурофиаи судии маъмурӣ чораҳои ҳимояи пешакӣ дар навбати аввал барои таъмин ва ташаккули кафолатҳои зерин равона карда шудааст:

- ҳифзи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз амал / беамалии ғайриқонунӣ, қарорҳо, санадҳои маъмурии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо;

– чораҳои ҳимояи пешакӣ ба шахсони манфиатдор ҳангоми ба амал омадани оқибатҳои номатлуби иҷрои санади маъмурӣ ё амали мақомоти давлатӣ ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои молу мулкии онҳоро таъмин менамояд.

Мақсади асосии ҳимояи пешакӣ, аз таъмини қабули қарори ниҳоии маъмурӣ ва амалигардонии воқеии он иборат мебошад [11, с.138].

Аломатҳои ҳимояи пешакӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1.Таъхирнопазирӣ – яъне андешидани чораҳои пешакии ҳифз дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун. Масалан, дар м. 131 – и лоиҳаи Кодекси расмиёт ва мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо роҳбарии Вазорати адлияи ҶТ-соли 2024 таҳия карда шудааст [4], бо номи "Ҳифзи ҳуқуқи пешакӣ" меъёр марбут ба татбиқи чораҳои ҳимояи пешакӣ мавҷуд аст. Тибқи банди 4 қисми 2 – и он, агар иҷрои фаврии санади маъмурӣ ба манфиати ҷамъият ё тартиботи ҳуқуқӣ зарур бошад, масъалаи ба таъхир гузоштани амали даъво аз байн меравад.

Мутобиқи қ.3 ҳамин модда суде, ки ҳамин даъворо баррасӣ менамояд, мутобиқи банди 4-и қисми дуюми ҳамин модда метавонад дар ду ҳолат иҷрои фаврӣ таъин кунад, ва бо дархости даъвогар, амали боздоштро барқарор намояд, агар:

1) дар муқоиса, ба манфиатҳои оммавии аризадиҳанда зарари калон таҳдид намояд;

2) санади маъмурӣ ошкоро ғайриқонунӣ бошад.

Инчунин, суд бо дархости даъвогар метавонад мақомоти маъмуриро ӯҳдадор намояд, ки аз рӯи даъво оид ба иҷрои ӯҳдадорӣ қарори мувақатӣ қабул намояд, агар:

1) ба даъвогар зарари калон (беандоза), ва ҳолати бартаридоштаи муқобили манфиатҳои оммавӣ ё манфиатҳои шахсони сеюм таҳдид кунад;

2) рад кардани қабул ё қабул накардани қароре, ки дар бораи он даъвогар ариза додааст, ошкоро ғайриқонунӣ бошад.

Дар асоси хусусияти таъхирнопазирӣ амал намуда, агар ариза дар бораи қабули чораҳои ҳимояи пешаки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ пешниҳод шуда бошад, суд онро

бояд дар худи ҳамин маҷлиси судӣ баррасӣ кунад. Агар ариза дар бораи қабули чораҳои ҳимояи пешакӣ дар рафти пешбурди парванда (омодасозии он ба баррасӣ) пешниҳод шуда бошад, он бояд на дертар аз рузи дигари қабули он баррасӣ карда шавад.

Чунин равишро қонунгузории амалкунандаи мурофиавии иқтисодӣ дар боби алоҳидаи 8-ум КМИ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки тибқи он судяе, ки парванда дар баррасии ӯ қарор дорад, ариза дар бораи чораҳои муваққатиро на дертар аз рӯзи дигари гирифтани дархост баррасӣ менамояд (мод.92 КМИ ҶТ) [3]. Дар баробари ин, хусусиятҳои умумӣ низ мавҷуданд, ки ҳангоми баррасии татбиқи чораҳои таъминотӣ бе огоҳ намудани тарафҳо ифода ёфтаанд.

Дар м. 90 КМИ ҶТ шаш намуди тадбирҳои таъминотӣ оварда шудааст, ки се татбири зеринро ба андешаи мо ба сифати чораи муҳофизатӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ истифода бурдан мумкин аст:

а) ба ҷавобгар ё шахсони дигар манъи содир намудани амалҳои муайяне, ки ба предмети баҳс дахл дорад;

б) ба зиммаи ҷавобгар вогузор кардани ӯҳдадорӣ оид ба содир намудани амалҳои муайян бо мақсади пешгирии вайроншавӣ ва бад шудани ҳолати молу мулки баҳснок;

в) боздоштани ситониш дар асоси варақаи иҷро ё дигар ҳуҷҷате, ки аз рӯи он бебаҳс (беаксепт) маблағ рӯёнида мешавад, ки даъвогар онро мавриди баҳс қарор додааст.

Барои ин зарур аст, ки онҳо дар моддаи 131-и лоиҳаи мазкури Кодекси расмиёт ва мурофиавии маъмурии ҶТ пешбинӣ карда шаванд.

Бо мақсади такмил додани падидаи ҳуқуқии чораҳои муҳофизатӣ дар мурофиаи судии маъмурӣ, намудҳои зерини тадбирҳоро мавриди баҳрабардорӣ қарор додан мумкин аст:

1) аз тарафи иштирокчии мурофиаи судӣ манъ кардани амали муайян;

2) ситонидани молу мулки мансуб ба ҷавобгар (аз ҷумла пул) ба андозаи арзиши даъво, агар эҳтимоли қонеъ гардонидани талаботи даъво бартарият дошта бошад;

3) муваққатан нигоҳ доштан ё тағйир додани вазъияте, ки таъмини иҷрои даъворо зери хатар мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки қонунгузории мурофиавии маъмурии баъзе давлатҳо шакл ва намуди дигари чораҳои муҳофизатиро пешбинӣ менамоянд. Масалан, Кодекси мурофиавии маъмурии Гурҷистон аз 23 июли соли 1999, № 2352 ба ҳолати соли 2023, ки дар м. 21 ба сифати тадбири муҳофизатӣ гирифтани ордери (фармоиши) судиро пешбинӣ менамояд, ба институти фармони судии Британияи Кабир шабеҳ аст [13] яъне:

1) **муваққатӣ** будан - ин аломат маънои онро дорад, ки чораҳои пешакии муҳофизатӣ барои як давраи муайян муқаррар карда мешаванд ва дар ҳамин вақт амал мекунанд. Ҳамин тариқ, чораҳои муҳофизатӣ аз лаҳзаи татбиқ намудани онҳо аз ҷониби суд то баровардани санади ниҳоии судӣ эътибор доранд;

2) **таносуб бо талаботи пешниҳодгардида -** тибқи ин қоида, суд ҳангоми татбиқи ҳифзи пешакӣ ва баррасии ариза бояд робитаи мустақимро бо талаботи дар ариза оид ба татбиқи чораҳои муҳофизати пешакӣ муқарраршуда муайян намояд.

**3) хусусияти мутаносибӣ** – тибқи ин талабот, намуди мушаххаси чораҳои пешакии муҳофизат бояд ба ҳолатҳои мувофиқи вазъияте, ки дар амал ба вуҷуд меоянд, мувофиқат кунад. Чораҳои муваққатӣ бояд ба дараҷаи таҳдид ва хатари расонидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқ бошанд.

Мавод ва ваҷҳу бурҳони парванда, ки аризадиҳанда пешниҳод кардааст, бояд ба суд имконият диҳад, ки шартҳои татбиқи чораҳои ҳифзи пешакиро муайян намояд, яъне:

1) мувофиқат намудани чораҳои зикргардида;

2) мавҷудияти робитаи байни ҳифзи пешакӣ ва даъво;

3) фарорасии оқибатҳои муайян ҳангоми андешидани чораҳои суди нисбати ҷавобгар,

инчунин оқибатҳои барои аризадиҳанда дар сурати андешида нашудани ин чораҳо.

Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки чораҳои муваққатии мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ аз чораҳои ҳифзи пешакии ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ фарқ доранд ва дар мавҷуд набудани намудҳои мушахаси чораҳои таъминоти пешакӣ зоҳир мегарданд [2]. Ҳамин тариқ, дар доираи мурофиаи маъмурӣ берун аз доираи мурофиаи даъвогӣ баррасӣ кардани чораҳои муваққатӣ ғайриимкон аст, вақте ки чораҳои муваққатӣ дар мурофиаи иқтисодӣ ва мадании кишварҳои пешрафта сурат мегиранд. Татбиқ накардани падидаи ҳимояи пешакӣ ба тарафи номатлуб (бевиҷдон)-и муносибатҳои ҳуқуқӣ, барои бартараф кардани ваҷҳу бурҳони баҳс ё барои беаҳаммият ва бефоида гардонидани он имконият медиҳад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки аҳаммияти ҳуқуқии ҳимояи пешакӣ дар мурофиаи маъмурӣ яке аз шаклҳои самарабахши ҳифзи муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар муносибатҳои оммавӣ мебошад. Ҳамчунин бояд эътироф кард, ки ҷанбаи маъмурию ҳуқуқии истифодаи чораҳои муваққатӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ ва муносибатҳои дигари маъмурӣ дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ афзалият доранд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ аз 22 феврали соли 2007. Захираи электронӣ: «Адлия»: Маркази муттамаркази иттилооти ҳуқуқӣ. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj.*
2. *Кодекси мурофиаи граждании ҶТ аз 5 январи соли 2008. Захираи электронӣ: «Адлия»: Маркази муттамаркази иттилооти ҳуқуқӣ. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj.*
3. *Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ аз 1 апрели соли 2008. Захираи электронӣ: «Адлия»: Маркази муттамаркази иттилооти ҳуқуқӣ. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj.*
4. *Лоиҳаи Кодекси расмиёт ва мурофиаи маъмурии ҶТ. Бойгонии Вазорати адлияи ҶТ аз соли 2024. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmih.adlia.tj*
5. *Абушенко Д.Б. Обеспечительные меры в административном судопроизводстве: практика арбитражных судов / Д.Б. Абушенко. – Москва: Волтерс Клувер,2006.–231 с.*
6. *Абушенко Д.Б. Проблемы взаимовлияния судебных актов и юридических фактов материального права в цивилистическом процессе: монография / Д.Б. Абушенко. - Тверь: Издатель Кондратьев А.Н., 2013. – 319 с.*
7. *Винницкий А.В. Административная юстиция и экономические споры: актуальные вопросы в контексте евразийской интеграции / А.В. Винницкий // Рос. юстиция. – 2013. - № 7. – С. 34 – 37.*
8. *Зеленцов А.Б., Ястребов О.А. Судебное административное право: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / А.Б. Зеленцов, О.А. Ястребов. – Москва: Статут, 2017. – 768 с.*
9. *Кузнецов С.А. Обеспечительные меры в гражданском и административном судопроизводстве / С.А. Кузнецов. – Москва: Волтерс Клувер, 2007. – 145 с.*
10. *Кузнецов С.А. Судебные обеспечительные средства в российском гражданском праве: монография / С.А. Кузнецов. – Москва: Волтерс Клувер, 2008. – 288 с.*
11. *Крюков А.Н., Бурачевский Д.В. Порядок принятия арбитражным судом обеспечительных мер по корпоративным спорам / Крюков А.Н., Бурачевский Д.В. // Закон. – 2013. - № 8. – С. 138 – 143.*
12. *Львов Я.Л. Особенности применения арбитражными судами обеспечительных мер по делам, возникающим из административных и иных публичных правоотношений: дисс... канд. юрид. наук / Я.Л. Львов. – Саратов, 2005. – 270 с.*

13. *Маҷмуаи қонунгузории мурофиавии судии маъмурӣ, Остона 2013. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1733897411&tld=ru&name=48.P*
14. *Папченкова Е.А. Возврат исполненного по расторгнутому нарушенному договору: сравнительный анализ российского и немецкого права / Исслед. Центр частного права им. С.С. Алексеева при Президенте Российской Федерации / Е.А. Папченкова. – Москва: Статут, 2017. – 224 с.*
15. *Старилов М.Ю. Предварительная защита по административному иску как способ осуществления судебного контроля в сфере административных и иных публичных правоотношений // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского / М.Ю. Старилов. – 2015. - № 1. – С.192 – 201.*
16. *Sommermann Karl-Peter. Rechtsstaatliche Verwaltung und effektiver Rechtsschutz // Административное судопроизводство в Российской Федерации: развитие теории и формирование административно-процессуального законодательства. Сер.: Юбилеи, конференции, форумы. Вып. 7 / Отв. ред. Ю.Н. Старилов. Воронеж: Издательство Воронежского государственного университета, 2013. – 334 с.*


**REFERENCES:**


1. *Constitution of the Republic of Tajikistan of 06.11.1994. with amendments and additions of September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. [Text]: – Dushanbe, 2016.*
2. *Code of Administrative Procedure of the Republic of Tajikistan dated February 22, 2007. Electronic resource: "Adlia": Centralized Center for Legal Information. Source of access: URL: http://www.adlia.tj.*
3. *Code of Civil Procedure of the Republic of Tajikistan dated January 5, 2008. Electronic resource: "Adlia": Centralized Center for Legal Information. Source of access: URL: http://www.adlia.tj.*
4. *Code of Economic Procedure of the Republic of Tajikistan dated April 1, 2008. Electronic resource: "Adlia": Centralized Center for Legal Information. Source of access: URL: http://www.adlia.tj.*
5. *Draft Code of Administrative Procedure and Proceedings of the Republic of Tajikistan. Archive of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan since 2024. Electronic resource: Source of access: URL: https://mmih.adlia.tj*
6. *Abushenko D.B. Interim Measures in Administrative Litigation: practice of arbitration courts. M.: Voltaire Kluver, 2006. - 231 pp.*
7. *Abushenko D.B. Problems of Mutual Influence of Judicial Acts and Legal Facts of Material Law in Civil Process: Monograph. - Tver: Iz¬datel Kondratiev A.N., 2013. – 319 pp.*
8. *Vinnitsky A.V. Administrative Justice and Economic Disputes: current issues in the context of Eurasian integration // Ros. justice - 2013. - No. 7. - PP. 34-37.*
9. *Zelentsov A.B., Yastrebov O.A. Judicial Administrative Law: a textbook for university students studying in the specialty "Jurisprudence". - M.: Statute, 2017. - 768 pp.*
10. *Kuznetsov S.A. Preventive Measures in Civil and Administrative Proceedings. - M.: Voltaire Kluver, 2007, - 145 pp.*
11. *Kuznetsov S.A. Court Collateral in Russian Civil Law: Monograph. M.: Voltaire Kluver, 2008. 288pp.*
12. *Kryukov A.N., Burachevsky D.V. The Procedure for the Adoption of an Arbitration Court by a Security Measure for a Corporate Dispute // Law. - 2013. - No. 8. - PP.138-143.*
13. *Lviv YAL. Features of the Application of the Arbitration Court of the Security Measure in Cases Arising from Administrative and Public Legal Relations: Dis.... cand. Legal sciences - Saratov, 2005. - 270 pp.*

**14.** *Compilation of Administrative Judicial Procedural Legislation, Astana 2013. Electronic resource: Access source: URL: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1733897411&tld=ru&name=48.P*

**15.** *Papchenkova E.A. The Return of the Executed after the Canceled Contract: comparative analysis of the Russian and German law / Issled. Private law center S.S. Alekseeva under the President of the Russian Federation. - M.: Statute, 2017. - 224 pp.*

**16.** *Starilov M. Yu. Preliminary Protection of Administrative Proceedings as a Way of Exercising Judicial Control in the Sphere of Administrative and other Public Relations // Bulletin of Nizhny Novgorod University. N.I. Lobachevsky. - 2015. - No. 1. - PP. 192 – 201.*

**17.** *Karl-Peter Sommermann. Rechtsstaatliche Verwaltung und effectiver Rechtsschutz // Administrative litigation in the Russian Federation: development of the theory and formation of administrative-procedural legislation. Ser.: Jubilee, conference, forum. Vyp. 7 / Otv. ed. Y.N. Starilov. Voronezh: Publishing House of Voronezh State University, 2013. - 334 pp.*